# Тақриз

ба автореферати Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзӯи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ–маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик"аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.04. – Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва ва сатҳи таҳсилот)

Кори илмию таҳқиқотии Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзӯи"Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ–маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик"аз дидгохи талабот ба шаҳрвандони замони муосир муҳим ва мубрам мебошад, зеро масоили ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён, омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик мубрамияти махсусро касб намудааст. Мубрамияти омӯзиши ин фанни таълимӣ дар он мебошад, ки тавассути омӯзиши он шахсияти дорои сифатҳои худбаҳодиҳии воқеӣ, дорои қудрати эҷодӣ, маҳорати майл пайдо намудан дар басёршаклии ахбор ва саривақт коркард намудани он дар доираи имкониятҳои мавҷуда омода карда мешавад, дар назар дорад.

Ҳадафи таҳқиқот ошкор сохтани ҷанбаҳои педагогӣ дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ зимни омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик мебошад. Асоси методологии таҳқиқотро таълимот дар бораи инкишоф додани тавоноии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ташкил медиҳад. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда дар диссертатсия: - таҳлили аналитикии маводҳои таърихи халқи тоҷик, фалсафӣ, психологӣ - педагогӣ, иҷтимоӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот таҳия гардидааст.

Мавзӯи кори таҳқиқотӣ айни замон хеле актуалӣ мебошад.

Дар автореферати Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзӯи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ–маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик"аз рӯйи тартиб рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи адабиёт ва рӯйхати манобеи дигар, дар маҷмӯъ аз 176 саҳифаи чопи компюторӣ иборат

аст. Автореферат бо услуби илмӣ навишта шудааст. Истифодаи поварақ дар автореферат тибқи талабот риоя карда шудааст. Довталаб дар диссертатсия вобаста ба талаботи нав моҳияти яке аз принсипҳои асосии таълим - принсипи фаъол буданро ошкор карда, ҳамзамон роҳҳои татбиқи методҳо ва шаклу воситаҳои нави ташкили таълими ташаккули салоҳияти иттилоотӣ–маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар замони муосир тавассути гузаронидани озмоишу таҳқиқотҳои илмӣ бо истифода аз методҳои мухталифи таҳқиқотӣ баён ва пешниҳод менамояд. Дар охири ҳар боб озмоишу пажӯҳиши амалӣ ва натиҷаи таҳлилҳоро ҷамъбаст кардааст. Дар хулоса диссертант масъалаҳои ба миёнгузоштаашро мавриди омӯзишу таҳқиқи амиқ ва ҷиддӣ қарор дода, натиҷагирӣ менамояд ва роҷеъ ба муҳиммияти ҳар қисмати он андешаву назари худро иброз дошта, хулосаи мантиқӣ мебарорад. Таҳлилҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти мазкур анҷом дода шудаанд, метавонад барои мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва сотсиология барои таҳияи ҷабҳаҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён кӯмак расонад. Диссертант дар таҳқиқи рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст.

Дар ҷадвалҳо Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон маълумоти қиёси натиҷаҳо дар гуруҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ оварда шудааст. Натиҷаҳои ташаккули дараҷаи ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар марҳалаи муосир дар мактабҳои озмоишӣ дар ҷадвал мушаххас ифода ёфтааст. Таҳлили адабиётҳои пешниҳод намудаи автореферат ва корҳои чопшуда аз он шаҳодат медиҳад, ки тадқиқоти гузаронида ба мазмун ва мундариҷаи автореферат мувофиқ аст.

Диссертатсия ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёнро тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун заминаи бунёдӣ - методологии ташаккули салоҳиятнокӣ, роҳу равиши вусъатбахшии салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён, чун омили боэътимоди рушди салоҳиятмандӣ дар фаъолияти касбиро дар назар дорад. Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзӯи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ – маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни

таърихи халқи тоҷик» кори таҳқиқотии мустакилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.04. – Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва ва сатҳи таҳсилот) шоиста аст.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи забони давлатӣ ва забонҳои хориҷии
Донишкадаи кӯҳию
металлургии Тоҷикистон Ҷалолова Зӯҳро Абдусаломовна
Суроға: 735730 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бӯстон, кӯчаи А. Баротов, 6.
Почтаи электронӣ: jalolova_072128@list.ru
Телефони мобилӣ: +992928634309
Имзои Ҷалолова З. А. тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Мӯминова Д.М.